Дар асоси Фармони Асосгузори сулху Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон «Дар бораи ба эхтиёт рухсат додани хизматчиёни харбие, ки мухлати мукарраргардидаи хизмати харбиро адо намудаанд ва даъвати навбатии шахрвандони солхои таваллуди 1989-1998 Чумхурии Точикистон ба хизмати харбӣ» ва тибки талаботи Конуни Чумхурии Точикистон “Дар бораи ӯхдадории умумии харбӣ ва хизмати харбӣ” аз якуми апрели соли 2016 дар хама шахру навохии мамлакат даъвати бахории шахрвандон ба хизмати хатмии харбӣ, муташаккилона идома дорад.

Дар давоми беш аз як мохи чараёни ин маъракаи мухими сиёсӣ, иҷрои накшаи даъвати шахрвандон ба хизмати хатмии харбӣ дар каламрави чумхурӣ 80 фоизро ташкил дода, аллакай то ин дам 20 шахру навохии мамлакат накшаи ба онхо пешбинишударо пурра ба анчом расонидаанд. Дар миёни гарнизонхои чумхурӣ шахру нохияхои вилояти Хатлон нисбат ба  дигар минтакахо пешсаф буда, ичрои накша дар ин вилоят ба 94 фоиз баробар мебошад. Ин нишондод дар Вилояти Мухтори Кӯхистони Бадахшон 87 фоизро ташкил дода, масъулини даъват азм доранд, ки рӯзхои наздик ин маъракаи мухими сиёсиро пеш аз мухлат ба анчом расонанд.

Хамин тарик, дар давоми беш аз як мохи чараёни ин маъракаи мухими сиёсӣ, ичрои накшаи даъвати шахрвандон ба хизмати хатмии харбӣ дар вилояти Сугд 75 фоиз, нохияхои тобеи чумхурӣ 73 фоиз ва дар чахор навохии пойтахт бошад, он ба 54 фоиз баробар аст.

Умуман даъвати бахории шахрвандон ба хизмати хатмии харбӣ дар тамоми шахру навохии мамлакат айни хол муташаккилона чараён дошта, фаъолияти макомоти масъули давлатии даъват дар хама шахру навохии мамлакат то 31-уми майи соли 2016 идома меёбад.

Маркази матбуоти  Вазорати мудофиаи  Чумхурии Точикистон